Ба муносибати 25-умин солгарди Истиклолияти давлатӣ ва бо максади дарёфти Чоми вазири мудофиа аз 16-ум то 26-уми августи соли чорӣ дар варзишгохи Клуби марказии варзишии артиши Вазорати мудофиа мусобика аз намуди футбол миёни наврасони КМВА, Шӯрои чумхуриявии «Динамо» ва мухассилини мактабхои тахсилоти миёнаи шахри Душанбе чараён гирифт.



Дар мусобикаи мазкур бехтарин варзишгарон аз 10 даста байни хам сабкат намуданд. Ташкили пайвастаи чунин мусобикахои чумхуриявӣ аз як тараф ба рушду нумӯи риштаи варзиш дар байни наврасон мусоидат намояд, аз чониби дигар дӯстиву хамгироиро миёни варзишгарон боз хам дучанд мегардонад.




Бояд кайд кард, ки дар натичаи ин бозии дӯстона бо хисоби даставӣ чои аввал насиби Шӯрои чумхуриявии «Динамо»-и Вазорати корхои дохилӣ дониста шуда, чойхои ифтихории дуюму сеюмро бошад, дастахои варзишии Клуби марказии варзишии артиши Вазорати мудофиа ва Мактаби махсуси кӯдакону наврасони захирахои олимпии Чумхурии Точикистон сохиб гардиданд.




Барои иштироки фаъолона, сахмгузорӣ дар рушду нумӯи ин навъи варзиш ва ишголи чойхои намунавӣ голибон аз чониби масъулини Клуби маркази варзишии артиши Вазорати мудофиа дар фазои идона бо Чоми вазири мудофиа, медалу ифтихорномахо ва дигар тӯхфахои хотиравӣ сарфароз гардонида шуданд.

**Маркази матбуоти  Вазорати мудофиаи  Чумхурии Точикистон**